***Нашрияи “Китоби моҳ”, адабиёт ва фалсафа***
***Фарвардини 1383***
***/марти 2004 (саҳ. 112-115)***

*Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ*

## Муждаҳои фарҳангӣ аз он сӯи Ому

### *Чаҳор китоб дар бораи Айнӣ*

Аллома Садриддин Айнии Бухорой (1870-1954) аз ҷумлаи бузургмардони камшуморе аст, ки аҳдофи баланди сиёсиро бо коғазу қалам пиёда карда ва муваффақ ҳам будааст. Нишоне аз қадршиносӣ ва арҷгузории шоиста аст, ки пажуҳишгароне, чи бузургсол ва чи нисбатан ҷавон, ба осори он бузургвор пайваста рӯй меоваранд ва корҳое шоиста анҷом медиҳанд.

Нуктаи гуфтанӣ ин аст, ки Аллома Айнӣ таълифоти динӣ низ дошта ва аммо дар замони Шӯравӣ дар чоҳи фаромӯшӣ пинҳон мондаанд. Имрӯз, ки миллат, саодати истиқлолро дарёфтааст, пайдо кардани осори пинҳонӣ ва ба хидмати аҳли ҷомеа гузоштани онҳо, ба ҳадде арзишманд аст, ки ниёз ба тафсир надорад. Дар бораи Айнӣ, чаҳор китоб аз се тан устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муаррифӣ мешавад:

***Сайид Садриддин Хоҷа Айнӣ. Заруриёти диния. - Душанбе, 2000, 225 саҳ.***

Ин китоби арзишманд бо кӯшишҳои самимонаи профессор Абдулҳай Сайидзода Муҳаммадамин ба чоп расидааст. Номбурда пешгуфторе муфассал (дар 82 саҳ.) зери унвони “Китоби имону ахлоқ ва худшиносӣ ва ҳикматомӯз” навишта, вежагӣ ва арзишҳои “Заруриёти диния”-ро ба қалам дода, аз ҷумла ба сарнавишти талхи китоб низ ишора кардааст.

Айнӣ, ки сарнавишти ҷомеаро бо мадраса ва фарҳанг вобаста медид, даст ба таълифи китобҳои омӯзишӣ зад. Вай дар 1909 “Тартил-ул-Қуръон”, дар 1910 “Таҳзиб-ус-сибён”-ро ба чоп расонд; соли 1908 - даст ба кори муҳимме “Заруриёти динӣ” зада, онро дар 1914 анҷом дод ва ба чоп расонд. Ин китоб аз се бахши асосӣ, хотима, чаҳор пора шеър ва охир бо унвони “Ниёзномаи махсус” фароҳам омадааст. Бахши якум “Таълими имон” се фаслро дарбар дорад, ки оғозаш дар баёни ҳамду салот аст ва фасли поёнӣ дар баёни амалиётҳои бад, бахшҳои дувуму севуми ин китоб бо унвони “Амалиёт” дар маҷмуъ дорои 82 фасл аст; фасли нахуст “Дар баёни мукаллаф ва афъоли маколифин” ва “Дар баёни садақаи фитр”, навҷӯиҳои Айнӣ ва дигар рӯшанфикрони бухорой, ки мавриди писанди бархе аз афрод набуд, хатаре дар пай дошт ва ба ночор китобашро бидуни имзо ба чоп расонид.

***2 - Муҳаммадюсуф Имомов. Маънавият ва нақши зоҳир. Душанбе: Адиб, 2000, 187 саҳ.***

Дар адабиёти муосир, нависанда бояд ҳама тарзу тариқро ба кор бандад, то қаҳрамон ба таври комил қобили эътимод бошад, яъне хонанда бовар ҳосил кунад, ки фарде, монанди ин шахс метавонад дар воқеият низ мавҷуд бошад. Профессор Имомов бо баррасии мудаққиқонаи осори Аллома Айнӣ, бавежа “Дохунда”, “Ғуломон”, “Марги судхӯр”, “Ёддоштҳо”, “Ҷаллодони Бухоро”, “Одина” маҳорати бисёри устод Айниро дар ин амали шоиста нишон додааст.

Муаллиф ба ин нукта низ пай бурда, ки Айнӣ ҳатто ба номи шахсиятҳои эътибор додааст, яъне, аз номҳо ошкор мегардад, ки вай куҷой аст? Ё чи тавр кас аст? Чунин таваҷҷуҳ зоҳиран арзише надорад ва аммо нависанда аз ҳамин ҷузъи ночиз барои ошкор сохтани тинати қаҳрамон суд меҷӯяд.

***3 – Муҳаммадюсуф Имомов. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Матбуот; 2001, 119 саҳ.***

Ин китоби арзишманд бо чунин суханони барҳақ оғоз ёфта: “Таърихи тамаддуну фарҳанг ва адаби тоҷик абармардонеро ба майдони таърих додааст, ки ҳар яке дар замони худ инқилобе дар риштае ба вуҷуд оварда, номи худро зинда ва ҷовид гардонидаанд. Садриддин Сайидмуродхоҷа Айнӣ аз ҷумлаи он адибоне аст, ки дар давраи душвор ва сарнавиштсози мардуми тоҷик ба майдони фаъолият омада, халқи худро дар шоҳроҳи фарҳанг ва тамаддун ва илму маърифати суннатӣ нигоҳ дошт. Месазад, ки ӯро дар сафи Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ, Хоҷа Ҳофиз ва Шайх Камол, Мавлоно Ҷомӣ ва Навоӣ, Мирзо Бедил ва Аҳмади Дониш бигузорем” (саҳ. 3).

Китоб ин матлабҳоро дарбар дорад: “Таҷрибаи ҳаёт ва ташаккули ҷаҳонбинии Садриддин Айнӣ”, “Таълимоти исломии Айнӣ”, “Айнӣ ва андешаи маорифпарварӣ”, “Назари Айнӣ ба масъалаҳои сиёсии минтақа”, “Муносибати Айнӣ ба инқилоб”, “Айнӣ ва худшиносии миллӣ”, “Адабиёти навини тоҷикӣ ва марҳилабандии он”, “Шинохти инсон ба сурат ва сират”, “Бандубасти ҳикоя ва очеркҳои Айнӣ”. Тавре ки аз феҳрист намудор аст, ҳар яке аз ин матолиб нукоте ҷолиб ва сухане тоза дорад, ки танҳо роҷеъ ба яке ишораи иҷмолӣ мешавад - мавзуъи марҳилабандии адабиёти навини тоҷик.

Профессор Имомов дуруст пай бурда, ки бозшинохти саҳеҳи марҳилаҳои адабиёт аз аҳамияти вежа бархурдор аст. Лизо ӯ ақидаҳои мавҷудро баррасӣ карда, аз ҷумла мегӯяд, ки “Дар ин раванд мақолаи адабиётшинос Раҳим Мусулмониён дар рӯзномаи “Адабиёт ва санъат” иқдоме нахустин дар саҳафоти матбуот ба ҳисоб меарвад. Муаллиф адабиёти навини тоҷикро ба панҷ марҳила тақсим намуда, мустақиман номгузорӣ кардааст:

1 - нимаи дувуми садаи XIX - адабиёти маорифпарварӣ, ё худ ҷадал барои роҳнамоии мардум аз зулму ҷаҳолат;

2 - солҳои 1900-1925 - адабиёти ҷадид, ё худ марҳилаи талош дар роҳи худшиносӣ;

3 - солҳои 1936 то поёни солҳои панҷоҳум - марҳилаи адабиёти қолабӣ ва беранг;

4 - аз поёни солҳои панҷоҳум то охири солҳои ҳаштодум -марҳилаи кӯшиши ҷаҳиш аз қолаб ва берангӣ;

5 - аз поёни солҳои ҳаштодум ба ин сӯй - марҳилаи рушди адабиёти ҳақиқии мардумӣ" (саҳ. 99-100).

Доктор Имомов дар мавриди марҳилаи нахуст рӯшанӣ ворид карда, дар зимн афзудааст: "Таъйини оғози адабиёти навин аз масъалаҳои печида ва баҳсноки марҳилабандии таърихи адабиёт ба шумор меояд" (саҳ. 101). Афзуданӣ аст, камина дар чопи баъдӣ ("Забон ва адаби форсӣ дар Фароруд", Теҳрон, 1376, саҳ. 95-110) номи марҳилаҳоро то андозае тасҳеҳ кардааст. Доктор Муҳаммадҷаъфар Ёҳаққӣ низ ҳамин даврабандиро дар шароити феълӣ таъйид кардааст (Чун сабӯи ташна, Тҳрон, 1374, саҳ. 323).

Яке аз маҳосини китоб ин аст, ки нукоте зоҳиран камарзиш низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Чунончи, ишора шуда, ки устод Айнӣ ба санъати адабии бароати истеҳлол таваҷҷуҳ дошта ва мекӯшидааст онро риоят кунад ва ҷиҳати намуна, оғози "Мактаби кӯҳна" нақл мешавад, ки муносибат дорад. Дарвоқеъ, Айнӣ дар ин кор маҳорат дошта, ки яке аз намунаҳояш бароати истеҳлоли "Ёддоштҳо" метавонад бошад, ки мағзи аслии ин китоби бузургро ишора мекунад:

*Ин хона зи хишти кӯҳна андохтаам,*
*Дар вай ҷашне зи рафтагон сохтаам.*
*То аҳли замони мо бидонанд, ки ман,*
*Як умри ҷавонӣ ба чи роҳ бохтаам.*

Дар маҷмуъ, ин китоби арзишманд шоистагии онро дорад, ки дар Эрон низ шарофати чопу нашрро дарёбад.

***4 – Аламхон Кӯчаров. Нақди матншиносии насри Айнӣ. – Душанбе: Матбуот; 2002, 270 саҳ.***

Профессор Кӯчаров, ки матншиносӣ риштаи тахассусии эшон аст, китобе ҷомеъ дар ҳамин мавзуъ таълиф карда, вай нахуст ба таърихи матншиносӣ пардохта, ёде аз матншиносони шинохта монанди А.А. Шахматов ва Б.В. Томашовский ба амал оварда, аммо китобҳои Д.С. Лихачев “Матншиносӣ ва бунёди матншиносӣ”-ро (1962) ба таври ҷиддӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ин китоб аз чаҳор бахш фароҳам омада: “Аз таърихи матншиносии тоҷик”, “Таърихи таълифи осор ва маҳорати Айнӣ”, “Нусхаҳои замони зиндагӣ ва сабки нависанда”, “Нашри осор пас аз марг” ва “Масъалаи таҳияи матни илмӣ ва интиқодӣ”. Аз маҳосини кори муаллиф яке ин аст, ки ба таърихи матншиносӣ низ таваҷҷуҳ карда, ин нуктаро ба қалам дода, ки таҳияи матни илмӣ ва интиқодии осори бузургон, ҳанӯз дар асрҳои миёна мавриди пажуҳиш қарор гирифта буд. Чунончи, Бойсунғур Мирзо (1397-1433) дар Ҳирот бузургони фарҳангиро гирд овард ва дар заминаи чандин нусхаи қаламии “Шоҳнома” матнеро таҳия кард, ки ба “матни бойсунғурӣ” шӯҳрат дорад. Ба гуфтаи профессор Кӯчаров, дар маҷмуъ то кунун ҳудуди ҳазор матни “Шоҳнома”, ки дарвоқеъ шоҳи номаҳост, ба майдон омада.

Таваҷҷуҳ ба матни интиқодӣ танҳо ба “Шоҳнома” маҳдуд набудааст, балки дар бораи шоҳкорҳои дигар низ, монанди “Девони Ҳофиз” (беш аз 450 нусха), “Хамса”-и Низомӣ (ҳудуди 330 нусха), “Гулистон” (ҳудуди 330 нусха), “Бӯстон” (ҳудуди 230 нусха) анҷом гирифтааст (саҳ. 23). Афзуданӣ аст, ин амри муҳим имрӯз бо суръате бештару кайфияти болотар ҷараён дорад.

***Ду китоб аз Бароти Абдураҳмон***

Бароти Абдураҳмон, фарзанди Хатлонзамин, хатмкардаи риштаи забонадабиёти тоҷик дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз

достоннависони муваффақи муосир ба шумор меояд. Вай кори худро аз достони кӯтоҳ оғоз ниҳод ва дар кӯтоҳ замоне тавонист худро бишносонад; ва акнун роман ҳам менависад.

Китобҳои Бароти Абдураҳмон: “Шабҳои маҳтобӣ” (1986/1365), “Давлати сарам, модар” (1989/1368) ва “Розҳои шабҳангом” (1990/1369), ки бо вежагиҳои забонӣ, ҳам бо кайфияти маънавӣ ҷолиб буданд, ҷазби таваҷҷуҳ карданд.

Дар соли 2002/1381 - ду китоб чопу нашр шуданд, ки муаррифии кутоҳаш ин аст.

1 - “Дунёи сабзи ишқ”. (Роман). Душанбе: Адиб, 2002, 254 саҳ.

Оғози китоб бо бароати истеҳлол аст: “Барги сабзе ба посдошти ишқи ҷавонӣ ва ишқи Ватан ...” ва оғози пешгуфтор: “Намедонам, ин дафтарҳоро пора кунам, бисузонам, ё нигаҳ дорам. Ҳар гоҳе чашмам ба бастаи онҳо меафтад, вуҷудамро эҳсоси ғамзудои ошноӣ фаро мегирад, ба дард шабеҳ аст ин эҳсос, ба дарди кӯҳнае, ки баъд аз солҳо ба як бор хуруҷ карда”.

Роман ду бахш дорад: “Шукуфаҳои оғозин” ва “Фариштаҳои даргоҳи Осиён”. Нависанда лаҳзаҳои ҷолиби овони кӯдакӣ, навҷавонӣ ва ҷавонӣ ва давраи донишгоҳии худро ба қалам дода. Нуктаҳои ҷолибу ҷаззоб ва хонданиро ба қалам дода, ки ҳама баргирифта аз воқеият будааст.

Ҷолиб ин аст, ки лаҳзаҳоеро ба қалам дода, ки барои инҷониб низ ошно ҳастанд, чи аз овони навҷавонӣ ва ҷавонӣ ва чи давраи донишгоҳӣ, лаҳзаҳои гуворо, гоҳе талхомез низ ...

Нависанда ба дуртар ҳам назар меандозад, ишороте ба мавзуъ ва масоили муҳимми замон ба амал меоварад. Дар гуфтугуҳое сухан аз табдили хат меравад. Пас аз ин ишора, ки бисёре аз кишварҳо расмулхати суннатии худро дигар карданд, гуфта мешавад: “Мусулмонони кишвари исломии Эрон эътиқоди баланди динӣ доранд, асолати ислом ва суннати аҷдодиро аз ҳама гуна ташвиқоти аҷнабиён ҳифз мекунанд. Агар ҳамин нангу номус ва азму иродаи қавиашон

намебуд, ҳеҷ гоҳ аз зулму найранги Омрико ва дасисаҳои Исроил раҳо намеёфтанд ...” (саҳ. 190).

Мо достоннависоне дорем, ки аз тиккаҳои шеърӣ фаровон истифода мекунанд ва аммо устод Абдураҳмон аз ин гурӯҳ нест: вай шеър кам меорад, вале ба бамаврид меоварад, ончунон ки агар он тикка андохта шавад, достон иллат пайдо мекунад. Мисолаш ду тикка шеър аст, ки дар “Дунёи сабзи ишқ” аз Бозор Собир ва Нодири Нодирпур ҷо гирифтааст.

2 – “Ҳафт мӯъҷизаи олам”. Душанбе: 2002, 226 саҳ.

Матолиби китоб ба тартиби зайл аст: 1 – “Ҳафт мӯъҷизаи олам”; 2 – “Калиди дарвозаҳои Бухоро”; 3 – “බародар”; 4 – “Хатоҳои Искандари Мақдунӣ”; 5 – “Шамшер ва ишқ”.

Дафтари аввал аз нигоҳи таърих ҷолиб аст: муаллиф ба осори таърихӣ сар даровარда, сарнавишти ҳафт мӯъҷизаи оламро ба риштаи таҳрир кашидааст, бадин тартиб:

1 – Шабеҳаи абадияти аҳромҳои Мисри бостон, унвони “Шабеҳаи абадият” бадин далел будааст: киштиҳои кайҳоннавардии америкоӣ, ки соли 1979/1358 – бар Миррих фуруд омада, тасвирҳое ба замин фиристода буд, ки аз ҷумла акси пайкараи одамсимо низ буда, ки дорои гардан, косахонаи чашм, ғӯза ва мардумаки чашм, мӯи сар, даҳони нимаво ва дандонҳо будаанд (саҳ. 7). Нависанда гуфтааст: замоне дар Миррих зиндагӣ буда, ва он пайкараҳо кори дасти инсон аст ва ... Аҳромҳои Миср низ абадӣ хоҳанд буд.

2 – Боғи муаллақ, боғе ки болои пояҳо сохтаанд, дар Бобул дар баландии 130 метр; ба масоҳати 15 ҳазор метри мураббаъ;

3 – Маъбади Ортамидо, дар Эфес;

4 – Оромгоҳи Мусол, ки ҳамсараш сохтааст, дар Гликорнос;

5 – Муҷассамаи Зевс, дар Афина;

6 – Ҳаммоми ҷазираи Родос (Колос Родос);

7 – Бурҷи Искандария, ки пас аз марги Искандар сохта шудааст.

“Калиди дарвозаҳои Бухоро” матлаби дувум аз ин китоб (саҳ. 56-66) ёддоштҳои сафаре буда, ки муаллиф ҳамроҳ бо нависандаи маъруф шодравон Ҷалол Икромӣ, ба Бухорои шариф анҷом дода. “Бародар” (саҳ. 67-74) ёдномаи нависанда дар бораи шаҳид Абдураҳим Раҳимов - марде рӯшани фарҳангӣ, фидокори миллату кишвар.

Ду матлаби баъдӣ: “Иштибоҳи Искандари Мақдунӣ”, “Шамшер ва ишқ” намоишнома ва филмнома буда ва аммо дар мавзуъи таърихӣ нигошта шудаанд.